Ҳар кӣ бихоҳад дар ризқи ӯ фаровонӣ ояд ва аҷали ӯ ба таъхир андохта шавад, пайванди хешовандиро нигоҳ дорад

Аз Анас ибни Молик (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Расули Аллоҳ (салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Ҳар кӣ бихоҳад дар ризқи ӯ фаровонӣ ояд ва аҷали ӯ ба таъхир андохта шавад, пайванди хешовандиро нигоҳ дорад".
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) бо анҷоми зиёрату дидорбинӣ ва ҳамкории ҷониву молӣ ҳифзи робита бо хешовандонро ташвиқ намудаанд, ки он сабаби фаровонӣ дар ризқу рӯзӣ ва дарозумрӣ аст.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/5372